# ГЕНДЕР ва ОБ



4

ГЕНДЕР, ОБ, КИШОВАРЗӢ ВА ОЗУҚАВОРӢ



Мо дар Алянс оид ба гендер ва об (АГО) хеле хурсандем, ки алҳол Шумо ин буклетро дар даст доред. Бо ёрии он мо ба Шумо дар бораи масъалаҳои муҳиму рӯзмара нақл мекунем.

Дар навбати аввал мо ба Шумоён гуфтанӣ ҳастем, ки сӯҳбат бо қироати ин буклет оғоз меёбад. Дар ҳақиқати ҳол бошад, мо умедворем, ки Шумо худатон ба наздикону шиносҳоятон дар мактаб ва кор дар бораи он чи, ки дар буклет хондед, нақл мекунед. Шумо ҳатто метавонед ба онҳо маслиҳат диҳед, ки ин буклетро хонанд.

Агар Шумо омӯзгор бошед, метавонед ин буклетро ба забони модариатон тарҷумаю чоп кунед. Шумо ҳамчунин метавонед расмҳои онро бематн барои ташкил кардани муҳокима ва мубодилаи афкор байни талабагон истифода баред. Расмҳои чаҳор буклетро шумо метавонед аз сомонаи интернетии мо www: gender.water.org гиред. Хоҳишмандем, арзи сипосро ба муаллиф ва АГО аз хотир набароред. Дар хотима мехостем ба диққати Шумо расонем, ки агар Шумо дар бораи проблемаҳои гендер марбутан ба идоракунии захираҳои об иттилооти муфассал гирифтанӣ бошед, АГО дар ихтиёри Шумост.

Шумо эътимод ҳосил мекунед, ки мо дар идора кардани ҳавзаҳо, дарёҳо ва кӯлҳо, ки аз шаҳри Шумо ё аз канори шаҳри Шумо мегузаранд, ва бо ин роҳ барои ба ҳама дастрас шудани об кори зиёдеро ба сомон расонида метавонем. Акнун навбат ба Шумо. Бароятон қироати гуворо орзу мекунем.


Ҳмм...
барои оилаи ман
биринҷ, лӯбиё,
моҳӣ, картошка,
афлесун, карам,
мурғ, карами
ранга ва ғайра
лозим аст

## ВА ОБ!
## ОБ НИЗ ҒИЗО АСТ!





Қисми асосии бадани мо аз об иборат аст. Об дар ҳар ҳуҷайраи бадани мо мавҷуд аст ва барои фаъолияти баданамон зарур мебошад. Об як қисми хун, ашк, шираи меъда, арақ ва ғайраро ташкил мекунад. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон 70% бадани инсон аз об иборат аст. Бино бар ин, инсон бе об ҳамагӣ се рӯз зиндагӣ карда метавонад.

***Барои солим будан мо бояд ҳар рӯз тақрибан 8 истакон об нӯшем.***



АНА БАРОИ ЧӢ ҲАР КАС БА МИҚДОРИ КОФИИ ОБИ ТОЗА



# ҲУҚУҚ ДОРАД!

Сокинони бисёр мамлакатҳо нисбат ба он миқдоре, ки барои нигоҳ доштани саломатӣ, ва баъзан мавҷудият зарур аст, камтар об доранд. Занон аз ҳама бештар азият мекашанд, зеро ташвиши ғизою оила низ дар дўши онҳост. Вақте ки об нокифоя аст, занону кўдакон маҷбур мешаванд, фосилаи дуру дарозро тай карда, об кашонанд. Оби тоза дар ҷуммаки лўла (крани водопровод) дар наздикии ҳавлӣ - ин он чизест, ки ба ҳар кас зарур аст.

*Ин ҳуқуқи ҳар кас - занон, мардон, кўдакон, ҷавонон ва солхўрдагон мебошад.*



БАРОИ ОН КИ FИЗО ДОШТА БОШЕМ,НИЗ ОБ ЛОЗИМ АСТ!



Ба мақсади вобаста набудан аз борон фермерҳо заминро обёрӣ мекунанд. Тавассути обмонӣ дар қитъаҳои нисбатан камтари замин ва бидуни буридани ҷангал маҳсулоти бештар барои ҳама истеҳсол кардан мумкин аст. Ғайр аз ин зироатҳоеро парвариш кардан мумкин аст, ки ба ҷомеа бештар пул меоранд. Вале бидуни миқдори кофии об рустанипарварӣ таҳти хавфу таваккал қарор мегирад. Бе об чи тавр чорвои хонагиро парвариш мекунем? Чи тавр мурғ парвариш мекунем? Моҳипарварӣ мекунем?



ОБ ДАР ҶОЕ ЗАРУР АСТ, КИ ДАСТРАС КАРДАНИ ОН ДАР ОН ҶО МУШКИЛ МЕБОШАД.



Сохтани махзанҳо барои нигоҳдории об, истифодаи оби борон ва дигар усулҳои ба даст овардани об дар истиқоматгоҳҳои дурдаст, ҳамчунин ба таъмини хоҷагии натуравӣ ва рӯзгузаронии оилаҳо мусоидат мекунанд. Сохтмони садд (дамба) қарори дастаҷамъӣ буда метавонад. Ин усулҳо барои он лозиманд, ки одамон аз меҳнати вазнини истихроҷи об аз ҷойҳои дурдасту дастнорас, кашондани он тавассути обкашҳо ё бо кӯза, яъне коре, ки асосан ба зимаи занону кӯдакон мефароянд, озод бошанд



Ин ба кӣ манфиатовар аст? Ба ҳамаи онҳое ки ба сабаби ба қадри кифоя набудани об мушкилӣ мекашанд, ба фермерҳои хурд ва мисли ҳамеша ба занон.



Дар тамоми олам занҳо масъули ба даст овардани об ва ғизои оилаҳояшон мебошанд. Қисми зиёди хоҷагиҳои натуралиро занон сиришта мекунанд. Бино бар ин занон ба замину об ғамхорона муносибат менамоянд. Онҳо ба қадри замину об мерасанд. Вақте ки мо дар бораи таъмини одамон бо хӯрока сухан меронем, бояд барои ҳама, аз ҷумла занон, барои истеҳсоли озуқаворӣ шароити мусоид муҳайё кунем, бо иттилоот, замини ҳосилхез ва аз ҳама муҳимаш ба миқдори кофӣ бо оби тоза таъмин намоем.



Вале ҳеч кас ҳақ надорад бо баҳонаи истеҳсоли озуқаворӣ ба замину об бад муносибат кунад. Тарзҳои зиёди ташкили хоҷагии кишоварзӣ мавҷуданд. Ва қарорро дар бораи он ки замину об чи тавр истифода шаванд, бояд шахсоне қабул кунанд, ки рӯзгузарониашон аз ин захираҳо вобаста аст. Замин аз рӯи инсоф бояд ба онҳое тааллуқ дошта бошад, ки дар ҳаққи замин ғамхорӣ ва истеҳсолоти муназзамро таъмин карда метавонанд. Фарқ надорад, ки чунин шахс мард аст ё зан, соҳибкори инфиродист ё ҷомеӣ.



Махсусан занон - фермерҳо бояд ҳамаи он чизҳоеро, ки барои истеҳсолот ва бо хӯрока таъмин кардани оилаҳои онҳо, пул кор кардан ва инкишоф ёфтан зарур аст, аз қабили дастрасӣ ба об, ҳуқуқи моликият ба замин, қарз ва бозор дар ихтиёр дошта бошанд.

бо ҳамон шартҳое, ки барои мардон амал мекунанд!



Диққат:

# ин масъалаи амният аст.

# амнияти озуқаворӣ.

---

Амнияти озуқаворӣ чунин маъно дорад, ки инсон бояд ба ғизохӯрии кофӣ, ки саломатиашро нигоҳ медорад, дастрасӣ дошта бошад. Вале ғизохӯрӣ ҳама гуна таомро дар назар надорад. Сухан дар бораи озуқаворӣ хушсифат меравад, ки ба анъанаҳои одамон мувофиқ аст. Амнияти озуқаворӣ барои ҳама бидуни тафриқа, ҳар рӯз.



Вале, барои кафолат додан ба ҳуқуқи ғизохӯрӣ мо бояд як монеаро бартараф кунем. Миқдори об дар замин доимист, вале он ҳамеша якхела аст. Талабот ба об бошад мунтазам меафзояд. Ба ибораи дигар, об барои намудҳои гуногуни истифодаи он лозим аст. Пас илоҷи ин кор дар чист?

## МО НИЯТ ДОРЕМ ОБРО ЯКҶОЯ ИСТИФОДА БАРЕМ!



Обро ба тарзи оқилона тақсим кардан лозим аст, зеро об намудҳои гуногуни истифода дорад.

# Намудҳои асосии

шикастани ташнагии одамону чорво



парвариши рустанӣ



# истифодаи об:

санитария ва саломатии ҷамъиятӣ: бо об таъмин кардани хонаҳо, хориҷ кардани партов ва нигоҳ доштани сифати муҳити зист.





## Барои сарфаи об муҳокимаҳои зиёд лозим аст!

Дар ин муҳокимаҳо намояндагони ҳукумат ҷомеаи шаҳрвандӣ ва истифодабарандагони оби ҳамаи як ҳавза иштирок мекунанд.



Ҳукуматдорон дар алоҳидагӣ, ба сари худ қарор қабул намекунанд. Идоракунии захираҳои об бояд бо иштироки ҳамаи истифодабарандагони об сурат гирад. Ҳар намуди истифодаи об асосҳои худро дорад ва ҳама бояд ба мувофиқа оянд. Ҷаласа бояд ба суолҳои зерин ҷавоб диҳад: ҳар истифодабаранда чӣ қадар об мегирад ва он чанд пул мешавад. Ҳама бояд музди истифодаи обро диҳанд. Шахсоне, ки об, ҷангал ва манбаъҳоро ҳифз мекунанд, бояд қадр карда шаванд.

Вале агар мо хӯроку оби тоза доштанӣ бошем, бояд як чизро аз хотир набарорем:



Маҳз об ба ҷангал, киштзор, мангразор, водиҳо ҷангалҳои соҳилҳо, рустаниҳо ва ҳайвоноти онҳо ҳаёт мебахшад.



То ҳол, ҳангоми тақсими об табиат он чиро мегирифт, ки аз мо боқӣ мондааст, зеро афзоиши талабот рӯзафзун аст ва беш аз пеш истифодаи об зиёд мешавад.

## КАФОЛАТИ ОБРО БАРОИ НИГОҲДОРИИ ТАБИАТ ТАЪМИН КАРДАН ЛОЗИМ АСТ!





АГАР БАРОИ ТАБИАТ БА ҚАДРИ КОФӢ ОБ МАВҶУД НАБОШАД, БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ ОЗУҚАВОРӢ НИЗ БА ҚАДРИ КОФӢ ОБ МАВҶУД НАХОҲАД БУД.

Об дар таркиби ҳама чиз ҳаст. Он ба мисли кампал ё кӯрпа аст. Агар онро ба як тараф сахттар кашед, тарафи дигар бебистар, яъне напӯшида мемонад. Агар аҳволи ҷангал,водӣ ва мангразору ҳайвоноти он бад шавад, аҳволи одамон, махсусан занон, кӯдакон солхӯрдагон низ бад мегардад.



Агар як қисми ландшафти табиӣ деградатсия кунад, бисёр намудҳои ҳайвоноту рустаниҳо, ки барои мо ва муҳити зист аҳамияти калон доранд, аз байн мераванд. Нест шудани онҳо оқибатҳои фалокатбор дорад. Сикли табиӣ тағйир меёбад ва мо дигар ҳайвоноту рустаниҳои азбайнрафтаро барқарор карда наметавонем. Агар ҷангалҳо нест шаванд, ҳосилхезии хок низ нест мешавад. Об ба дефитсит табдил меёбад ва ғайри қобили истеъмол мегардад. Одамон аз бемориҳое, ки ба сабаби нарасидани об ба миён меоянд, азият мекашанд. Барқарор кардани ҷангал бо роҳи ниҳолшиносӣ кори хеле мушкил, қариб имконнопазир аст, истихроҷи об мушкил мегардад, зиндагӣ бошад, вазнинтар мешавад.

ҳ



# ПЕШБУРДИ КИШОВАРЗӢ МАСЪУЛИЯТШИНОСИРО

Дар баъзе маҳалҳо, ки дорои дараҷаи баланди истеҳсолоти кишоварзӣ мебошанд, заминҳои обёрию киштшаванда чунон ба миқдори зиёд обро истеъмол мекунанд, ки об барои дигар истифодабарандагон хеле кам боқӣ мемонад. Об хокро шуста меравад, территорияҳо, ки аз онҳо маъмулан об ҷорӣ мешавад, ҳосилхезиашонро гум мекунанд, заминро об зер мекунад.



# ТАҚОЗО МЕКУНАД

Истифодаи бидуни назорати агрохимикатҳо ва маҳсулоте, ки фермерҳо барои мубориза бо бемориҳои рустаниҳо ба кор мебаранд, ба об хавфи калон дорад. Борону обёрӣ боқимондаҳои ин омехтаҳои заҳролудро ба дарё ва манбаъҳои обҳои зеризаминӣ бурда мерезанд. Ҳамин тариқ, об олуда мегардад ва бефоида мешавад.



# ТАБИАТ ОБРО ТОЗА



Фаъолияти инсон беш аз пеш обро олуда месозад. Бисёр одамон истифодаи дарёю баҳрро чун партавқуттӣ идома медиҳанд. Обе, ки имрӯз мо истифода мебарем, ин ҳамон обест, ки фардо менӯшем. Ин кор барои он имконпазир мегардад, ки табиат обро барои ҳама аз нав коркард мекунад Вале барои он ки табиат ва муҳити зист обро тоза кунад, он бояд дар ҳолати ибтидоӣ бошад. Агар наботот ё об дар натиҷаи фаъолияти инсон бадсифат гардад, онро ҳатто баъди коркарди табиӣ низ истифода бурдан мушкил мешавад. Ба об партофтани партов, агрохимикат (заҳрдоруҳо) ва партовҳои саноатӣ - ин омилҳое мебошанд, ки аз бисёр ҷиҳат ба деградатсияи сикли табиӣ мусоидат мекунанд. Ва вақте ки миқдори партов ё инвазия хеле зиёд мешавад, муҳити зист хароб мегардад. Оқибат: об бештар олуда мешавад, қобили истифодаю истеъмол будани он таҳти суол қарор мегирад. Дар натиҷа миқдори оби тозаи ҳама кам мешавад.

# МЕКУНАД!



Усули муносибати шумо бо хоку об нодуруст аст. Вазъият ноустувор мебошад.

Вале дар паси миз ҳини маслиҳат дар бораи идоракунии захираҳои обу замин, моҳию дарахтон ҳузур надоранд. Агар чунин бошад, ки онҳоро ҷонибдорӣ мекунад?



# ҒАМХОРӢ ДАР ҲАҚҚИ ТАБИАТ ВАЗИФАИ ҲАМАГОН АСТ!

Ҳамагон бояд табиатро ҷонибдорӣ кунанд. Дар замини ҳосилхез ва муҳити солими зист зиндагӣ кардан ҳуқуқи ҳар нафар аст. Бино бар ин ҳифзи муҳити зист низ вазифаи ҳар нафар аст. Вазифаи мо ва насли фарзандони мо ва насли фарзандони онҳо. Кӣ бештар бо табиат тамос дорад? Кӣ ба таъмини ғизою об барои наслҳои оянда аз ҳама бештар манфиатдор аст? Занон! Онҳо дар идоракунии захираҳои обу замин бояд иштирок кунанд ва табиатро ҳифз намоянд.



Барои эҳтиром кардани табиат, мо бояд таваққуф кунем ва ба қафо бингарем ва сигналҳое, ки табиат ба мо медиҳад,бифаҳмем.

Мо бояд ҳассос бошем, то забони табиатро фаҳмем.

То ҳол одамоне мавҷуданд, ки чунин фикр мекунанд: соҳибмулк бо замини худ ва обе, ки аз ҳудуди мулки ӯ мегузарад, чӣ коре, ки хоҳад мекунад. То ҳол ҳангоми қабули қарор оид ба идоракунии захираҳои обу замин онҳоро гӯш мекарданд.

МО НАБОЯД ОВОЗИ ДИГАРОНРО АЗ ХОТИР ФАРОМӮШ КУНЕМ. САДОИ ОНҲОЕРО БИШНАВЕД, КИ ТАБИАТРО МЕФАҲМАНД ВА ҲИФЗ МЕКУНАНД.



Вақте ки ҳукумат бо нақшаи танзими табиат меояд, чи бояд кард? Вақте ки онҳо мехоҳанд сарбанд созанд ё маҷрои дарёро тағйир диҳанд. Онҳо метавонанд нияту нақшаи пойдору устувору ҷиддӣ дошта бошанд. Вале танҳо як фикр, як ақида нақше мебозад? Оё сохтмони сарбанд ба манфиати ҳамагон аст? Аҳволи одамоне, ки маҳалли иқоматашон зери об мемонад, чӣ мешавад? Аҳволи шахсоне,ки дар ин минтақа тавассути моҳидорӣ пул кор мекунанд, чӣ мешавад? Ин масъала ҷанбаҳои гуногун дорад, ки онҳо бояд ба назар гирифта шаванд.



Мо масъулияти ғамхорӣ дар ҳаққи табиат ва неъматҳои он, ки табиат ба ихтиёри мо додааст, аз ҷумла об, замин, ҷангал ва сарвати мавҷудоти зиндаро ба зимма дорем. Ҳамин тариқ, мо хӯрокворию саломатии насли ояндаро таъмин мекунем. Мо ҳеч гоҳ табиатро фаромӯш карда наметавонем.

Дар ниҳояти кор он модари мост!





Нашрияро таҳия карданд:
Матн ва расмҳои
Жиралдо Алвс Пинто ва Мегетерио
(Мигел Мендес Риэс, Марко Антолио де Ж. Ферейро, Фабио Ферейра, Вандерлей Сорэс. Ҳамкории Феррет).


Тахти таҳрири

Instituto Ipanema- Бразилия
www.institutoipanema.net
Самтгири: Demetrios Christofidis e Ninon Machado
Татбиқ
Директори иҷроия Йоке Милвяйк
jokemuylwijk@chello.nl
secretariat@gwalliance.org
www.genderandwater.org
Альянс оид ба масъалахои гендер ва об
Хогестраат 20, 6953АТ Диерен, Нидерланды
Суроғаи почта: 114, 6950АС Диерен, Нидерланды
+31 313 427230



Ҳуқуқи муаллифӣ-- Альянс оид ба масъалаҳои гендер ва об - АГО

Баъди хондани ҳамаи буклетҳои ҳамин силсила шумо метавонед бо мактаббачагон ва ҳамкорон ба таври дилхоҳатон кор кунед. Шумо метавонед расмҳоро бе матн истифода баред. Ба вебсайти АГО даромада, ба компютери худатон ворид созед. Шумо ҳамчунин метавонед тартиби ҷобаҷогузории расмҳоро тағйир дода, мавзӯи худатонро нақл кунед ва дарси худатонро тайёр намоед. Ба Жиралдо ва АГО арзи сипос карданро аз хотир фаромӯш накунед.

Нашрияи тоҷикӣ дар портали

www.cawater-info.net



**Чор буклет мавчуд аст:**

1. Гендер ва об. Муаррифии гендер. Ин чист?
2. Гендер ва об. Санитария ва саломатӣ
3. Гендер, об ва ҳодисаҳои иқлимӣ
4. Гендер, об, кишоварзӣ ва озуқаворӣ

GWA GENDER AND WATER ALLIANCE